# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ. – Душанбе, 2023. – 182 с.**

Адабиёти тоҷик бо вуҷуди таъсири ҳаводису вақоеи тӯли таърихи дароз пешорӯяш зуҳурнамуда дар ҳама давру замон тавонистааст, ки асолати худро побарҷо нигоҳ дорад, таҳаввул ва рушд кунад. Мусаллам аст, ки ин аз ҷустуҷӯҳои адибони ҷӯяндаву навовар вобаста буда, онҳо бо офаридани осори пурарзиш хазинаи адабиро ғановат бахшидаанд. Солҳои 60-70-ум дар таърихи адабиёти тоҷик чун марҳалаи тоза ва падидаи ҷадид эътироф шудааст, зеро дар осори насли эҷодкори ин давра рӯй овардан ба мавзуъҳои қаблан мамнуъ бештар ба назар мерасад. Аҳли эҷод чи дар назм, чи дар наср ба масоили хештаншиносиву худогоҳӣ ва асолати миллӣ рӯ оварданд, чун худогоҳии миллиро ҷузъи муҳимми маънавият донистаанд.

Шоирони тозагӯйи ин даврон ба мисли Ғаффор Мирзо, Аминҷон Шукӯҳӣ, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Қутбӣ Киром, Ҳабибулло Файзулло, Гулназар Келдӣ, Гулрухсор Сафиева, Аскар Ҳаким, Ғоиб Сафарзода бо тағйироту дигаргуниҳое, ки дар маънии шеъри тоҷик ворид намуданд, равзанае ба олами навшавии муҳтавои шеъри тоҷик боз намуданд ва маҳз ин насли адибон бо ҳисси баланди худшиносиву ҳувияти миллӣ боиси таҳаввули амиқе дар адабиёти тоҷик гардида, маҷрои онро мувоҷеҳи бедориву хештаншиносӣ намуданд. Воқеан, адибони ин солҳо бо эҷоди осоре, ки таваҷҷуҳи хонандаро ба гузаштаи худ ҷалб мекарданд, мутафарриқ ҳастанд.

Ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, тавфиқу камбудиҳои якдигарро қабулу ислоҳ кардан, дасти ҳам гирифтану раҳнамоӣ намудан ба шоҳроҳи офариданҳо ва талош варзидан барои пешрафти сифатноки адабиёт аз хусусиятҳои пешбаранда ва манфиатноки ин давра маҳсуб мешавад. Маҳз чунин муносиботи холисона ба адибони ҷавон барои пеш рафтан ва сарбаланд гаштан дар роҳи мақсуд дастгир гардидааст, то дар партави андешаҳои миллатпарварона ва башардӯстона аз ормонҳои миллӣ сухан гуфта бошанд.

Нахустин ибтикороти ин насл иборат аз он буд, ки шеъри тоҷикро ба асолати азалиаш бозгардонанд ва дар заминаи суннату анъаноти пешиниён таҷаддудгароёна ба навовариҳо ноил гардиданд. Заминаи дигаре, ки дар ин

таҳаввулот таъсирггузорӣ кардааст, ин ошноӣ бо шеъри ҳамзабонон ва осори чеҳраҳои шинохтаи давр, инчунин, осори адабии маъруфтарин адибони ҷаҳонӣ арзёбӣ мешавад.

Ғоиб Сафарзода аз шоирони навҷӯ, тозаандеш ва боистеъдоди муосири тоҷик ба шумор рафта, дар қалби ихлосмандону ҳаводорони шеъру адаб ҷойгоҳи махсуси худро пайдо намудааст. Ӯ бо такопӯю ҷустуҷӯ, завқи баланди эҷодӣ, бо навовариҳо дар эҷод намудани ашъор ва ҳам дар кори тарҷумонию рӯзноманигорӣ, дар худшиносӣ, дар одамияту дӯстию рафоқат дар умри кутоҳи худ ба мартабаҳои баланди эҷодӣ расидааст. Аксар суханшиносон ба фаъолияти тарҷумонии Ғоиб Сафарзода низ баҳои баланд додаанд ва дар мақолаю навиштаҳояшон аз маҳорати нотакрор доштани ӯ дар ин соҳа таъкид кардаанд. Давраи фаъолияти эҷодии Ғоиб Сафарзода муддати хеле кӯтоҳ, аммо хубу пурсамарро дарбар гирифтааст. Аз замони даргузашти шоир Ғоиб Сафарзода то ба имрӯз ҳанӯз дар мавриди рӯзгор ва осори ӯ ба истиснои мақолаву ёдномаҳои дӯстону наздикон, ҳамкорону ҳамқаламон ва он суханвароне, ки ӯро аз наздик мешинохтанд, таҳқиқоти алоҳида ва густурдае ба анҷом нарасидааст. Дар ин замина, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд.

Бо назардошти ин ки хусусиятҳои ғоявию бадеӣ, ҷанбаҳои зебоишинохтии ашъор, сабку услуб ва ҳунари шоирӣ, заминаҳои камолу болandагии Ғоиб Сафарзода ҳамчун шоир ва суханвар то ҳанӯз ба таври ҷиддӣ мавриди таҳқиқ ва баррасии илмӣ қарор нагирифтааст, бинобар ин, таълифи пажӯҳиши алоҳида ва нишон додани ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик адабиётшиносии мо **аҳаммияти вижаи илмӣ**.

**Мавзуи диссертатсияи** номзадии Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна аз зумраи мавзуъҳоест, ки ба доираи масоили пажӯҳишиии **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ** комилан мувофиқат мекунад.

Муҳимтарин **навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст ва ба муаллифи диссертатсия муяссар гаштааст, ки ин пажӯҳишро мӯшикофона ба анҷом расонад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он асоснок, ки диссертант дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз осори илмӣ-назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода намуда, дар баробари таҳқиқи ҳолнома, ҳунари суханварию тарҷумонӣ, навовариву тозакориҳои шоирро дар эҷоди шеър, ҳамчунин,

таҳқиқи таҳаввул ва тағйироти сифатии адабиёти давраи мавриди назарро, ки дар таърихи адабиёти нави тоҷик чун марҳалаи ифодаи баёни ҷадиду ҷасурона дар назм эътироф шудааст, анҷом додааст. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси омӯзишу таҳқиқи рӯзгору осори адиб ва адабиёти назарии марбут ба ин масоил пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва коргоҳи эҷодии адибони дигар ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён, магистрантон ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводи назарӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, **саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро** собит менамоянд.

Дар диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосиии дар 6 банд ба ҳимоя пешниҳодгардида**, ки дар самти шинохту таҳқиқи осори Ғоиб Сафарзода аз аҳаммияти холӣ нестанд.

Кори таҳқиқии мавриди назар аз муқаддима, се боб (бо фарогирии чанд фасл ва зерфасл), хулоса, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти довталаб иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммият ва зарурати таҳқиқи мавзуъ, дараҷаи азхудкунии мавзуъ, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқот, усулҳо, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ асоснок карда шудаанд, ки ҷавобгӯ ба талаботи диссертатсияҳои номзадӣ мебошанд.

Боби якуми диссертатсия "Шарҳи ҳол, фаъолияти эҷодӣ ва мероси адабии Ғоиб Сафарзода" ном дошта, аз се фасл ва ду зерфасл иборат аст. Фасли якуми ин боб "Зиндагиномаи шоир ва заминаҳои ташаккулёбии шахсияти ӯ" унвон гирифта, муҳаққиқ зимни баррасии масъалаи мазкур аз нигоҳи илмӣ ба омӯзишу таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ғоиб Сафарзода диққат додааст. Муҳаққиқ дар ин фасл доир ба зиндагинома, шароити зист, муҳити адабӣ, равобити адабию маънавии адибони рӯзгори шоир, фаъолияти публитсистӣ ва тарҷумонии ӯ, инчунин, назари адибону мунаққидон ба дастовардҳои адиб ва

осори таълифии ин шоири ҷавону хушсухан маълумоти эътимодбахш овардааст.

Чуноне муаллифи дессертатсия ҳолномаи шоир дар қайд мекунад, “Ғоиб Сафрзода умри кӯтоҳ дидааст, ҳамагӣ 32 сол”. Вале дар ин муддати кӯтоҳ ва синни ҷавонӣ ба ӯ муяссар шуд, ганҷи шоҳвореро ба хазинаи беқиёси адабиёти тоҷик эҳдо ва номи бошарафи худро дар таърихи он абадӣ ҳаккокӣ намояд.

Эътимоднокии диссертант ба сарчашмаҳои боваринок ва санҷидашуда, ҷанбаи илмии рисоларо афзудааст ва тавонистааст, ки оид ба рӯзгору осори Ғоиб Сафарзода маълумотҳои зарурӣ ва тозаро руйи коғаз оварда, ӯро “ба сифати як шоири соҳибқалам ва навпардоз миёни ҳаводорони шеъри ноби дарӣ, хосса суханварону сухансанҷон шинохта ва писандида” тавсиф мекунад.

Диссертант таъкид мекунад, ки барои покии андешаҳо ва эмин мондан аз олудагиҳо ва худбиниву зиштиҳо рӯ овардан ба ашъори мубаллиғи сулҳу сафо, дӯстиву ҳамдиливу хештаншиносӣ, роҳи дурусту наҷот аст. Осори Ғоиб Сафарзода намунаи ин гуна ашъор маҳсуб мешавад.

Зерфасли 1.1.1. боби 1-уми рисола “Равобити адабию маънавии адибони рӯзгори шоир” унвон дошта, дар он пайванди адабӣ ва маънавии адибони ҳамзамони шоир, ёду хотираҳои неки онҳо дар бораи шоири дӯсту ҷавонмаргашон Ғоиб Сафарзода оварда шудааст.

Фасли 1.2. боби 1-уми рисола “Фаъолияти публитсистӣ ва тарҷумонии Ғоиб Сафарзода” номгузорӣ шудааст ва дар он доир ба осори публитсистию тарҷумаҳои адиб андешаронӣ ва таҳлилу баррасӣ сурат гирифтааст. Фасли мазкурро муаллифи диссертатсия ба ду қисмат: а) фаъолияти публитсистӣ ва б) фаъолияти тарҷумонӣ ҷудо кардааст. Унвонҷӯ дуруст дарёфтааст, ки Ғоиб Сафарзода ҳамчун рӯзноманигори ватанпарвар ва миллатдӯст, рушанфикру фидоии касбу пешаи интихобнамудааш пайваста ғаму дарди миллатро мехӯрд, бо ҳақҷӯию ҳақшиносии худ байни ҳамқаламон ва ҳампешагон обрӯю эътибори хосаро доро буд, проблемаҳои ҷомеаро рӯирост, нотарсона ва бебокона ошкоро баён мекард, инчунин новобаста аз сензураи замон ба масъалаҳои дар сатҳи баланд ҷашн гирифтани Наврӯз, нигоҳ доштани тозагии забон, бахусус аз ҷониби аҳли эҷоди васоити ахбори омма ва аҳли қалам, ислоҳи камбудиҳо дар номгузории кӯчаю хиёбонҳо, коргоҳҳо ва ғайраро дар мақолаҳои публитсистиаш пешниҳод мекард ва дар амалӣ сохтани онҳо мекӯшид. Як кори хуби анҷомдодаи унвонҷӯ дар фасли мазкур дар он зоҳир мегардад, ки ӯ ҳангоми баррасии фаъолияти тарҷумонии Ғоиб Сафарзода номи

муаллифи шеър, унвон ва миқдори шеър, миллати адиби хориҷиро, ки шоир Ғ. Сафарзода ашъорашро барои хонандаи тоҷик тарҷума кардааст, дар дохили ҷадвал овардааст.

Дар зерфасли 1.2.1.-и боби 1-уми рисола назари адибону мунаққидон, монанди Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Ғаффор Мирзо, Шоҳҳайдар Ёдгорӣ, Зиё Абдулло, Муъмин Қаноат, Меҳмон Бахтӣ, Раҳими Рафеъзод, Исо Раҳим ба дастовардҳои Ғоиб Сафарзода ва натиҷаи фаъолияти гуногунҷабҳаи вай оварда шудааст, ки онҳо дар кушодани паҳлуҳои гуногуни ҳаёти шоир кӯмак расонда, дар дуруст ва воқеъбинона баҳо додан ба эҷодиёти гуногунҷабҳаи шоир мусоидат мекунанд.

Фасли 1.3. боби 1-уми рисола "Осори таълифии шоир ва таснифи жанрии онҳо" унвон дошта, ба се бахш тақсим шудааст. Муҳаққиқ дар он ба масъалаи таснифу дастабандӣ ва шинохти вижагиҳои жанрии осори манзуми адиб таваҷҷӯҳ кардааст. Аз таҳқиқи ба сомон расондаи унвонҷӯ маълум мегардад, ки осори бозмондаи шоир Ғоиб Сафарзода айни замон дар ҳафт маҷмуа ҷамъоварӣ ва нашр гардидааст ва таҳқиқоти мавриди назар низ асосан аз рӯи ҳамин маҷмуаҳо сурат гирифтааст. Унвонҷӯ дар фасли мазкур ашъори шоирро аз рӯи хусусият, шаклу анвои адабӣ, теъдоди абёт ҷудо карда, онҳоро дар се навъ – суннатӣ, нимсуннатӣ ва шеъри озод гурӯҳбандӣ кардааст. Ҷиҳати хуби диссертатсия ин таҳлили шеър аз рӯи навъҳо мебошад. Ин боиси афзудани сифати рисола гардидааст.

Боби 2-юми рисола "Муҳтавои ашъори Ғоиб Сафарзода" унвон дошта, аз 5 фасл иборат аст. Аз унвони боби мазкур пайдост, ки он ба масъалаҳои марбут ба мавзуъ ва муҳтавои ашъори шоир бахшида шудааст. Унвонҷӯ дар ин боб пажӯҳишро дар атрофи мавзуъҳои меҳварии ашъори шоир, аз қабили васфи модар ва гиромидошти ӯ, таранנуми ватан ва дӯст доштани он, тасвири баҳору Наврӯз ва табиати диёр, бозтоби масоили иҷтимоӣ идома додааст.

Фасли 1-уми боби 2-юми рисола "Тавсифи мавзуъҳои меҳварии ашъори шоир" хеле кутоҳ буда (2 саҳифа) мавзуъҳои асосии ашъори адибро баррасӣ мекунад. Мавзуи модар ва гиромидошти ӯ аз мавзуҳои марказии эҷодиёти Ғоиб Сафарзода меёбад. Фасли 2.2.-и боби дуюми рисоларо унвонҷӯ ба ҳамин масъала бахшидааст ва таъкид намудааст, ки мавзуи мазкур на танҳо дар эҷодиёти шоир Ғоиб Сафарзода, инчунин дар осори тамоми адибони тоҷик аз мавзуъҳои меҳварӣ ба шумор меравад ва шоирон дар васфи модар беҳтарин абёти худро бахшидаанд. Диссертант зимни овардани мухаммаси тазмини "Чу зод модар..."-и Ғоиб Сафарзода, ки дар пайравии шеъри машҳури "Модар"-и

шоири Эрон Эраҷ Мирзо эҷод шудааст, дар бораи навъи адабии мухаммас ва мухаммаси тазмин маълумот овардааст. Диссертант дуруст қайд мекунад, ки новобаста аз пайравӣ кардан ба эҷодиёти шоирони дигар Ғоиб Сафарзода дар навиштани шеърҳои ба мавзуи модар бахшидашуда роҳу равиши хоси худро дорад.

Фасли 2.3.-и боби мавриди таҳқиқ "Таранруми Ватан ва дӯст доштани он дар ашъори шоир" унвонгузорӣ шудааст. Унвонҷӯ дуруст дарёфтааст, ки барои шоир Ғоиб Сафарзода Ватан мафҳуми муқаддас буда, бо вожаи Модар тавъам аст. Муҳаббати шоир ба ватан аз зодгоҳ сар мешавад. Ӯ ҳама ҷо – кӯҳу дашту саҳрои Ватанро дӯст медорад ва онро дар ашъори аз сидқу дил ва хеле самимӣ сароидааш васф мекунад.

Дар фаслҳои дигари боби мавриди таҳқиқ (фаслҳои 2.3. ва 2.4.) низ мавзуъҳои дигари ашъори шоир ба монанди тасвири баҳору ҷашни Наврӯз ва табиати диёр, инчунин масоили иҷтимоӣ – гиромӣ доштани замин, аз худ кардани илму дониш ва расидан ба қадри вақт, меҳнати дигарон, меҳру муҳаббат доштан ба якдигар, пайванд будан бо ҷомеа, ваҳдату якдигарфаҳмӣ бо ашъори ҳикматомезона ва ҳатто мазмуни фалсафидошта таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Боби 3-юми диссертатсия "Ҳунари шоирии Ғоиб Сафарзода" унвон дошта, аз панҷ фасл, ду зерфасл иборат мебошад. Масъалаҳое, ки дар боби мазкур мавриди таҳқиқи дақиқу амиқ қарор гирифтаанд, инҳоянд; авзони шеъри Ғоиб Сафарзода, ҳунари қофияоройии шоир, нақши радиф дар ашъори шоир, ҷойгоҳи санъатҳои бадеӣ – маънавӣ ва лафзӣ, инчунин забону сабки нигориши шоир. Ба гуфтан меарзад, ки таҳқиқ ва пайгирӣ намудани чунин мавзуот дар диссертатсия аз муҳаққиқ дониши баланди назариявӣ, дарку фаҳмиши хуби шеър, донистани авзони шеъру илми баён, қавофию саноеи бадеиро талаб мекунад ва хушбахтона, гуфтан мумкин аст, ки муаллифи диссертатсия аз ӯҳдаи иҷрои ин кори сангину заҳматталаб ба хубӣ баромадааст.

Фасли якуми боби мавриди таҳқиқ "Корбурди ҳунармандонаи вазн дар ашъори шоир" номгузорӣ шуда, муаллифи диссертатсия пас аз таҳқиқи мӯшикофона муайян кардааст, ки шоир Ғоиб Сафарзода 364 шеъри гуногунжанрашро дар авзони 8 баҳри хушоянди арӯзӣ, аз ҷумла дар баҳри ҳазаҷ 251, баҳри рамал 96 ва дар баҳрҳои дигари шеърӣ (дар шаш баҳри арӯзии дигар 17 шеър), ки ин ҷо фурсати баёни ҳар кадоми он имкон надорад, сурудааст. Тавре ки унвонҷӯ дар боби мазкур овардааст, шоир 251 шеърашро

дар 20 вазни баҳри ҳазаҷ эҷод кардааст. Ин вазни дӯстдоштаи шоир аст ва ӯ аз дар эҷоди шеър ағлаб аз он истифода кардааст ва бояд гуфт он аз баҳрҳои серистеъмол ва хушоянди вазни арӯз маҳсуб меёбад. Муаллифи рисола бо мисолҳо авзони баҳрҳои арӯзиро, ки дар ашъори шоир ба мушоҳида гирифтааст, дар рисола овардааст, ки ин қимати кори илмии мавриди назарро баланд мекунад.

Фасли 3.2. ва 3.3-и боби 3-юми рисоларо муаллифи диссертатсия ба масъалаҳои ҳунари қофияоройӣ ва нақши радиф дар ашъори Ғоиб Сафарзода бахшидааст. Дар ин қисмати кор диссертант аввал маълумоти кӯтоҳе дар бораи ин унсурҳои каломи манзум медиҳад ва сипас мавқеи онҳоро дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода муайян намуда, бо мисолҳои зиёд аз эҷодиёти шоир мавқеи радиф ва қофияофариниашро тасбит мекунад, ки "Ғоиб Сафрзода қофияро, ки аз унсурҳои зотии каломи манзум аст, дар ашъори худ ба ваҷҳи аҳсан ва ниҳоят ҳунармандона истифода кардааст".

Фасли 3.4.-и боби 3-юми рисола "Ҷойгоҳи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Ғоиб Сафарзода" унвон дошта, ба ду қисмат: 3.4.1. Санъатҳои маънавӣ ва 3.4.2. Санъатҳои лафзӣ ҷудо мешавад.

Дар фасли 4-уми боби 3-юми рисола унвонҷӯ ба масъалаи истифодаи саноеи бадеӣ дар эҷодиёти шоир, дар зерфасли 3.4.1. Санъатҳои маънавӣ – ташбеҳ, истиора, тавсиф, талмеҳ таҷнис, тазод, муболиға, ирсолулмасал, иҳом, тааҷҷуб; дар зерфасли 3.4.2. Санъатҳои лафзӣ – тарсеъ, таҷнис, зулқофиятайн, ҳоҷиб, такрор, баргардониш, илтизом, иштиқоқ таваҷҷуҳ кардааст. Диссертант дуруст дарёфтааст, ки дар истифодаи саноеии бадеӣ шоир Ғоиб Сафарзода аз худ ҳунари воло нишон дода, дар корбурди онҳо дар баробари ороиш додани лафз, ба маънии калом низ диққати махсус додааст.
Фасли 3.5.-и боби 3-юми рисола "Забон ва сабки нигориши шоир" унвонгузорӣ шудааст, диссертант бо итминон қайд мекунад, ки шеъри Ғоиб Сафарзода "бо хусусиятҳои нозукандешӣ, навоварӣ ва тозагӯиҳо дар мазмуну муҳтаво аз шеъри шоирони дигари ҳамзамонаш ба куллӣ фарқ мекунад".

Рисола аз рӯйи мундариҷа ва муҳтаво ба **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқат дошта, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқи мавзуи мавриди назар дар он зоҳир меёбад, ки ӯ илова бар чопи мақолаҳо, маъруза дар конференсияҳои сатҳи гуногун, ҳамчунин, бори нахуст рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода мавриди тадқиқи илмӣ қарор додааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Мирзоева Маҳтовбӣ фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 13 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмию пажуҳишии зикргардида баъзе дар диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба фоида кор хоҳад буд:

1. Ба назари мо, унвони диссертатсия тасҳеҳ мехоҳад. «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» мавзуъ ва масъалаҳои дар бобҳои дуюм ва сеюм матраҳгардида фаро гирифта наметавонад.

2. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда нисбатан ноқис буда, як навъ мушаххасӣ ва натиҷагирӣ аз фаслу бобҳоро тақозо мекунад.

3. Агар қиёси ашъори Ғоиб Сафарзода бо шеъри ҳамзамононаш сурат мегирифт, мувофиқи мақсад буд ва ба ин восита ҳунари шоирии ӯро нишон додан бештар имкон медод.

4. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия (саҳ. 3, 7, 11, 16, 29, 52, 79, 82, 96 ва ғайра) ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд. Таҳриру ислоҳи ин гуна ғалатҳо сифати диссертатсияро болотар хоҳад бурд.

5. Дар рӯйхати адабиёти диссертатсия баъзан нишон надодани замони нашри адабиёт ва мушаххасоти он (нашриёт, теъдоди саҳифа) ва риоя нагардидани тартиби хронологӣ (дар мисоли таълифоти Х. Шарифов ва Баҳром Сирус) ба назар мерасанд.

6. Бахши “Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ” комилан бояд таҷдиди назар гардад, чунки дар ин бахш ҳеҷ тавсияе ба назар намерасад.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва

35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
и.в. мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва
усули таълими забон ва адабиёти тоҷики
факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қосимзода С.С.
«23» феврали соли 2024.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ,
кӯчаи Беҳзод, бинои 14, ҳуҷраи 34
Тел.: (+992) 93-583-76-76
E-mail: soleh_76@mail.ru

Имзои Қосимзода Солеҳ Салимро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«23» феврали соли 2024.